**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. (ш. Душанбе, 2026- 41 саҳ.).**

Таъмир ва навсозии роҳҳо яке аз вазифаҳои меҳварии давлат ба шумор меравад. Тавре ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» зикр гардидааст: «Бо мақсади раҳо намудани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он Ҳукумати мамлакат аз нахустин солҳои соҳибистиқлолӣ, бо вуҷуди вазъи душвори иқтисодиву молиявӣ, тамоми захираву имкониятҳоро сафарбар намуд. Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 58 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ дар самти сохтмону таҷдиди роҳҳои мошингард ва роҳи оҳан, бунёди инфрасохтори онҳо ва таҳким бахшидани иқтидори техникии соҳа ба маблағи 37,9 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло корҳо дар ин самт бомаром идома доранд.

Масалаҳои татбиқи меъёрҳои мазкури КМ ҶТ асосии автореферати диссертатсияи Султонзода Шоҳкаримро ташкил медиҳад. Автореферат дар шакли матн дар ҳаҷми 41 саҳифа пешниҳод шудааст. Бояд қайд намуд, ки автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳое, ки дар он ҷамъбасти мухтасари таҳқиқот дарҷ гардида, инчунин феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи диссертатсияи Султонзода Шоҳкарим ба масъалаҳои мубраму муҳими ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон – танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

бахшида шуда, аҳаммияти он бо рушди хизматрасониҳо оид ба ҳамлу нақл ва аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишвар ба таври назаррас баланд мебошад. Дар ин росто, таҳқиқоти мазкур барои такмили қонунгузории маданӣ ва соҳибкории кишвар ва самараноки дар амалишавии муносибатҳо оид ба фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард саҳми назаррас гузошта метавонад.

Дар автореферати мазкур мавзуи таҳқиқот ба таври мукаммал ва ҳамаҷониба пешниҳод шудааст, ки аз қисмҳои муҳим: муқаддима, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, натиҷаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ иборат мебошад.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ аз усулҳои гуногуни илмӣ ба таври муассир истифода бурда, ба хулосаҳои дақиқу боэътимод омадааст, ки ба раванди такмили қонунгузории маданӣ ва соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард. Ба таври махсус таъкид кардан лозим аст, ки муаллиф оид ба мушаххас намудани мафҳум, хусусиятҳои асосӣ ва моҳияти роҳҳои автомобилгард дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, такмили истилоҳоти ҳуқуқӣ, муайян намудани асосҳои ҳуқуқӣ ва таҳияи тавсияҳо барои такмили қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ пешниҳодҳои амалӣ ва бунёдӣ кардааст. Аз ҷумла, муаллиф баён медорад, ки «таҳқиқи қонунгузории амалкунанда дар бахши роҳҳои автомобилгард ва фаъолияти роҳдорӣ имкон медиҳад, ки камбудиҳои ҳуқуқӣ ошкор ва роҳҳои бартараф кардани онҳо пешниҳод гарданд, ки ин барои эҷоди механизми муассир, мутавозин ва пайдарпайи танзим хеле муҳим аст» (саҳ. 5).

Аз андешаҳо ва хулосаҳои дигари дар автореферат пешниҳодшуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур ба таври амиқу ҳамаҷониба таҳия шуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад. Ин таҳқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас ва дақиқ метавонад ҳамчун манбаи боэътимод ва муфид барои такмил ва ғанӣ гардонидани меъёрҳои Кодекси

маданӣ ва қонунгузории соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти сохтмони роҳҳои автомобилгард истифода шавад.

Дар натиҷаи баррасии мазмун ва муҳтавои автореферати мазкур метавон гуфт, ки таҳқиқоти мазкур дар самти танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас дорад. Муаллиф дар равиши таҳқиқоти худ масъалаҳои пеш гузошташударо бо усули илмӣ ва таҳлили ҳамаҷониба баррасӣ намуда, натиҷаҳои мушаххас ва боэътимодро ба даст овардааст.

Бо вуҷуди ин, муаллиф баён мекунад, ки солҳои охир сохтмон ва ба истифода додани роҳҳои маҳаллӣ вусъати тоза гирифта, танҳо дар соли 2026 сохтмону азнавсозии 300 километр роҳҳои автомобилгарди байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ба маблағи умумии 3 миллиард сомонӣ оғоз мегардад» (саҳ. 18).

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар матни автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар пешниҳоди 4.1 муаллиф баён медорад, ки ба қисми 1 моддаи 141 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маҷмуаи томи ғайриманқул дар баробари роҳи оҳан, хати интиқоли барқ, хати қубур, инчунин «роҳҳои автомобилгард» ҳамроҳ карда шавад. Ин тадбир имкон медиҳад, ки муносибатҳои марбут ба истифода ва идоракунии чунин инфрасохтор дар сатҳи қонунӣ ба таври возеҳ ва муассир танзим шаванд. (саҳ. 11).

Муаллиф нақши меъёрҳои қонунгузориро дар танзими муносибатҳо вобаста ба истифода ва фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши роҳҳои автомобилгард дуруст арзёбӣ намуда, аҳаммияти онҳоро дар таъмини шаффофият, устуворӣ ва пешгӯишавандагии муносибатҳои иқтисодӣ нишон медиҳад. Бо вуҷуди ин, дар таҳқиқот масъалаи механизми татбиқи амалии чунин меъёрҳо, инчунин дараҷаи таъсири онҳо ба фаъолияти воқеии субъектҳои соҳибкорӣ ва низоми идоракунии соҳа ба таври кофӣ мушаххас нагардидааст. Аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро ин масъаларо дар сатҳи дахлдор равшан созад.

Новобаста аз эроди зикргардида, бояд қайд намуд, ки аз ҷониби муаллиф кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал, эҷодкорона ва илмӣ-тахассусӣ анҷом дода шудааст, ки дар он ҳалли масъалаи мубрами имрузаи хуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ пешниҳод гардидааст. Таҳқиқоти диссертатсионии Султонзода Шоҳкарим Султон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши сохтмони роҳҳои автомобилгард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Сармутахассиси Раёсати ҳуқуқи
дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ — Давлатзода К.Д.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
н. Сино, к. А. Ғуломов, 35, хонаи 9
E.mail: komron231823@gmail.com
**Тел.:** корӣ 221-06-10
Мобилӣ 93-823-18-23

Имзои Давлатзода К.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои дасгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе — Сайдуллозода Ф. Ф.

**Суроғаи муассиса**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42.
**Тел.:** +992 (37) 223-06-10
E-mail:dushanbe80@yahoo.com

«18» 03 2026

ДАСТГОҲИ РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ * АППАРАТ ПРЕДСЕДАТЕЛЯ ГОРОДА ДУШАНБЕ * ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН
ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ